САФАР

НОМАЕ АЗ РОҲ

Душанбе-2021

https://bikhon.tj/

Дуруди навбаҳоронро бихонем,
Суруди обшоронро бихонем.
Ба поси хотири устод Лоиқ,
Давоми «Резаборон»-ро бихонем.

«Номае аз роҳ» маҷмӯаи дуюмини шоири ҷавон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Сафар Абдураҳим аст, ки фарогири дубайтиҳои дар солҳои гуногун эҷодкардаи ӯ мебошад.

ISBN:978-99975-883-1-9

© Сафар Абдураҳим 2021

https://bikhon.tj/

Ҳазорон сатр аз як ҳарф кардам.
Сари худро мисоли барф кардам.
Накардам сарфакорӣ дар раҳи ишқ,
Тамоми умри худро сарф кардам.

***

Саҳар хуршед дунёро навид аст,
Ҳама рӯзи Худо рӯзи саид аст.
Барои камдилон ид аст як рӯз,
Барои ошиқон ҳар рӯз ид аст.

***

Маро аз шеър бошад ҷомаи дил,
Ба номи ишқ ҳар як номаи дил.
Шикастӣ хомаи дастам дусад бор,
Шикастан кай тавонӣ хомаи дил?!

***

Ту будӣ дар нигоҳи аввалинам,
Савобе дар гуноҳи аввалинам.
Сабақ мегирам аз ишқи ту то ҳол,
Ки будӣ иштибоҳи аввалинам.

https://bikhon.tj/

Худоё, дилбари дилхоҳ ояд,
Азизи аз дилам огоҳ ояд,
Ба поси номаҳои беҳисобам,
Ба мисли номае аз роҳ ояд.



https://bikhon.tj/

Сафар

Ба худ гуфтам, ки гуфторат аҷиб аст,
Вале дидам, ки рафторат аҷиб аст.
Туро дар хоб ҳам дидам, азизам,
Ҳамон чашмони бедорат аҷиб аст.

***

Дигар аз ишқи ту ёде накардам,
Ғаматро куштаму шодӣ накардам.
Надонам аз чӣ бошад, ки пас аз ту,
Дигар эҳсоси озодӣ накардам.

***

Ту гуфтӣ, беҳтарин шеърам дубайтист,
Аҷибу дилнишин шеърам дубайтист.
Агарчи аввалин шеърам, ғазал буд,
Ба номат охирин шеърам дубайтист.

***

Агарчи нестам ҳамхона бо ту,
Набудам ҳеч гаҳ бегона бо ту.
Китоби қиссаҳо поён шуд, имшаб
Ҳақиқат мешавад афсона бо ту.

https://bikhon.tj/

Чу моҳӣ мондаӣ дар банди дарё,
Ки бовар кардаӣ бар фанди дарё.
Аё эй ошиқи якроҳу якрӯ,
Бирав бо роҳи худ монанди дарё!

***

Худовандам, ки инсонат сиришта,
Намегӯям, ки ҳастӣ чун фаришта.
Намедонам чаро дар номаи ишқ,
Ҷудо номи ту аз номам навишта.

***

Маро гум карда дар соҳил биёбӣ,
Агар он ҷо наям, мушкил биёбӣ.
Маҷӯ дар кӯчаҳои шаҳри холӣ,
Маро дар кӯчаҳои дил биёбӣ.

***

Бигуфтам: бо ту хоҳам ошноӣ,
Ба дил дорам умеди ҳамнавоӣ.
Бигуфтӣ: дар замин ҳастиву дорӣ
Хаёлу орзуҳои самоӣ.

https://bikhon.tj/

Сафар

Сарафрозӣ, ки бо ман ошноӣ,
Садо кардӣ маро бар ҳамсадоӣ.
Наво бахшидам аз ҷонам бароят,
Раҳо кардам туро аз бенавоӣ.

***

Дилам сард аст, ҳарфи оташин гӯ!
Тасаллобахши ин қалби ҳазин гӯ!
Ҳама дарду ғамат кардам таҳаммул,
Биё, мардона боре офарин гӯ!

***

Манам дилташнаву дарё гурезон.
Дили ту он сари дунё гурезон.
Агар имрӯзи ғамҳоят чунин аст,
Гурезонам, ман аз фардо гурезон.

***

Ниҳониву аёнат мешиносам.
Шудӣ пиру ҷавонат мешиносам.
Ғазал гӯӣ, дубайтӣ ё қасида,
Ман аз тарзи баёнат мешиносам.

https://bikhon.tj/

Зи сад раҳ бекасу танҳо гузаштам,
Гаҳе лабташна аз дарё гузаштам.
Барои бо ту будан, ҷони ширин,
Ман аз баҳри ҳама дунё гузаштам.



https://bikhon.tj/



Сарам аз қиссаву афсона пур шуд,
Зи зардоби ғамат паймона пур шуд.
Дили ман хонаат буду бирафтӣ,
Пас аз ту, хона аз бегона пур шуд.

***

Пайи дил рафтаам шаҳри ҳавасҳо,
Ғариб афтодаам бе ҳамнафасҳо.
Гаҳе ҳис мекунам, ҳастам паранда,
Ки афтодам ба доми ғамқафасҳо.

***

Нишаста дар хаёли ту ғаминам,
Лаби дарё, ба дарё ҳамнишинам.
Туро дидам дар инҷо аввалин бор,
Биё, то охирин борат бубинам.

***

Саре будам, ки сомонаш ту будӣ,
Ғаме будам, ки поёнаш ту будӣ.
Биё, ки бе ту дар ҷонам нишаста,
Ҳамон дарде, ки дармонаш ту будӣ.



https://bikhon.tj/

Ман аз аввал гирифторат набудам,
Ба ҳар коре тарафдорат набудам.
Набуд дар ихтиёри ман, бубахшо
Агар ёри сазоворат набудам.

***

Ғам овардӣ, намегирам, бубахшо,
Ки аз ғам серу дилгирам, бубахшо.
Гузашт он лаҳзаҳои ҷонфишонӣ,
Дигар баҳрат намемирам, бубахшо.

***

Намегӯям, азизам, боварам кун!
Нигаҳ боре ба чашмони тарам кун!
Мани танҳо туро мехоҳаму бас,
Намехоҳӣ, бирав, танҳотарам кун!

***

Дурӯғатро, ки азбар карда будам,
Хаёлат дур аз сар карда будам.
Ба ҳоли хеш ҳайронам, ки чанде
Ба гапҳои ту бовар карда будам.

https://bikhon.tj/

Сафар

Намедидӣ ҳама сӯзи диламро,
Харобии тамоми манзиламро.
Бигуфтам, мушкиле дорам, бирафтӣ
Чӣ зебо чора кардӣ мушкиламро.

***

Азизи ман, гуноҳамро набахшид,
Дили пурдарду оҳамро набахшид.
Ба шӯхӣ гуфтамаш, дорам азизе,
Ҳамин як иштибоҳамро набахшид.

***

Ду байтамро зи ғамҳо тоза кардам,
Дар он ишқи туро овоза кардам.
Шунидиву пазируфтӣ диламро,
Худоро шукри беандоза кардам.

***

Бубин, дилдода бо дил ҳамнишин аст.
Магӯ шеъре, ки оҳангаш ғамин аст.
Биё, як лаҳза бо ҳам шод бошем,
Аҷал пушти нафасҳо дар камин аст.

https://bikhon.tj/

Ба мисли ман дили шайдо кӣ дорад?
Саре пуршӯру пурсавдо кӣ дорад?
Чу байти абрувонат, ҷони ширин
Дубайтие чунин зебо кӣ дорад?



https://bikhon.tj/

Сафар

Ҷудоӣ аз канори ту чи сахт аст,
Расидан бар сари кӯйи ту бахт аст.
Ниҳоли ишқи покам сабзу пурбор,
Нагӯ, боғи умедам бедарахт аст.

***

Нафастангам, фазои хушҳаво нест.
Дилам пурдарду дардамро даво нест.
Хато кардам намегӯям, ки дидам,
Хати пешонии ман бехато нест.

***

Ба ёрам сурати якҷоя дорам,
Парастуе ба худ ҳамсоя дорам.
Чу ин дунё ҳама сармоядорист,
Ҳазорон шеър чун сармоя дорам.

***

Бигӯ, дилдода, дилдорӣ кадом аст?
Бигӯ, зӯрӣ кадом, зорӣ кадом аст?
Ҳама дар хоби ширинанд, охир,
Бигӯ, оҳанги бедорӣ кадом аст?

https://bikhon.tj/

Дарунамро саропо роз додӣ,
Забонамро чи хуш овоз додӣ.
Ҳазорон шукри даргоҳат, Худоё,
Бароям дидаҳои боз додӣ.

***

Агарчи ишқи ту аз сар гирифтам,
Агарчи номат аз дафтар гирифтам.
Вале дидам туро бо ёри дигар,
Даруни оташи ғам даргирифтам.

***

Гул овардан зи гулшан метавонам,
Фурӯзон карда гулхан метавонам.
Ту бе ман метавонӣ будан, аммо,
Намепурсӣ магар ман метавонам?

***

Нафас гирам, бидуни ту, нафас - ғам,
Қафасбандам, саропои қафас - ғам.
Накардам ҷуз висолат орзуе
Ҳавас кардам, ки баргардӣ, ҳавас - ғам.

https://bikhon.tj/

Сафар

Маро ҳар лолаи саҳро шиносад.
Маро ҳам соҳилу дарё шиносад.
Худоё, кош ёри охиринам,
Маро чун ошиқи шайдо шиносад.

***

Ба сӯям як нигоҳи тоза кардӣ,
Сипас худро паси дарвоза кардӣ.
Ба зери лаб бигуфтам, ошиқат ман,
Ту ин ҳарфи маро овоза кардӣ.

***

Маро бар чашми дарёи ту раҳ нест?
Ба боғи қадди болои ту раҳ нест?
Аз ин дунёи паҳновар, ки холист,
Сафар дорам ба дунёи ту, раҳ нест?

***

Дили дарё ба дарё мекашонӣ,
Сари савдо ба савдо мекашонӣ.
Чаро ту лаҳзаи дидори моро,
Зи имрӯзат ба фардо мекашонӣ?

https://bikhon.tj/

Надида чашми чори ман, гузаштӣ,
Ба ноз аз раҳгузори ман гузаштӣ.
Азизам, аввалину охирин бор
Чӣ зебо аз канори ман гузаштӣ.



https://bikhon.tj/



Канори гарми ту аз ман набудаст,
Лабони нарми ту аз ман набудаст.
Ҳама озору ғамҳои ту аз ман,
Вале озарми ту аз ман набудаст.

***

Дилам шуд моили афсонаи шаб,
Бирафт он рӯзи ғам, шукронаи шаб.
Бурун аз хонаат рӯзам сиёҳ аст,
Маро берун мекун аз хонаи шаб.

***

Ту мегӯй, вафои ман дурӯғ аст,
Ҳама ҳарфу ҳиҷои ман дурӯғ аст.
Барои ту, ки бар ман боварат нест,
Тамоми иддаои ман дурӯғ аст.

***

Ба ҷуз ишқат, ки дар гуфтори ман нест,
Ҷудоӣ аз ту дар пиндори ман нест.
Ҳар он шеъре, ки гуфтам, аз ту гуфтам,
Набошӣ ту, ҳама осори ман нест!

https://bikhon.tj/

Раҳам додиву ҳамроҳам надодӣ,
Дилам додӣ, дилогоҳам надодӣ.
Худовандо, дар ин умри дурӯза
Ҳамон ёре, ки мехоҳам, надодӣ.

***

Гаҳе девонаву мастам, бубахшед,
Намегиред агар, дастам бубахшед.
Накардам ман гуноҳе аз шумо беш,
Чу ҳамсони шумо ҳастам, бубахшед.

***

Биё, аз хонаи ғам мегурезем,
Ҳамин соат, ҳамин дам мегурезем.
Дар ин ҷо нест моро рӯзи шодӣ,
Биё, он сӯйи олам мегурезем.

***

Чӣ наққоше нигоҳатро кашида?
Ду чашми бегуноҳатро кашида.
Туро дидан агарчи лаззате дошт,
Ҳавас мехурдам оҳатро кашида.

https://bikhon.tj/

Нагӯ, дигар паёматро бигирам,
Алайки ҳар саломатро бигирам.
Маро бадном кардӣ дар замона,
Намехоҳам, ки номатро бигирам.

***

Туро бояд намекардам нигоҳе,
Намерафтам ду по сӯи гуноҳе.
Туро бахшидаам сад бор, аммо
Намебахшам худамро ҳеч гоҳе!

***

Ягон бори дигар шояд бихандам,
Азизи рафта бозояд, бихандам.
Ҳазорон шаб гиристам, ёр омад,
Бирав, эй ғам, ки ман бояд бихандам.

***

Ду чашмони ту дарё, меписандам,
Туро монанди гулҳо меписандам.
Зи баски нозанину худписандӣ,
Туро танҳои танҳо меписандам.

https://bikhon.tj/

Биё, аз дур, эй дурдонаи ман,
Биё, ки хандаат идонаи ман.
Агар ҳар шаб канори ман набошӣ,
Куҷо ид аст андар хонаи ман?!



https://bikhon.tj/



Дигар ман тоби раҳпоӣ надорам,
Тавони дарди танҳоӣ надорам.
Зару зевар зи ман уммед дорӣ?
Ки ман ҷуз шеър дороӣ надорам.

***

Маҳи пурнури шомафрӯзи мо нест,
Касеро огаҳӣ аз сӯзи мо нест.
Биё, имрӯз, рӯзи мо ҳамин аст,
Магӯ фардо, ки фардо рӯзи мо нест!

***

Чаро як бӯса бо нозам надодӣ?
Ба боли ишқ парвозам надодӣ.
Агарчи интихоби ман ту будӣ,
Туро дидам, ки овозам надодӣ.

***

Бихонам баҳри ту шеъри диловез.
Кушо чашмонат, аз хоби гарон хез.
Ба сони ғунчагулҳои баҳорӣ,
Шукуфон шав, ки меояд хазонрез.

https://bikhon.tj/

Ниҳонамро аён кардӣ, чӣ гӯям?
Сукутамро баён кардӣ, чӣ гӯям?
Рабудӣ боварамро аз дили ман,
Ҳақиқатро гумон кардӣ, чӣ гӯям?

***

Ғуруб омад, тулӯям пушти сар монд,
Ғам омад, шодмонӣ пушти дар монд.
Куҷо шуд ҳамраҳат гуфтанд, гуфтам:
Сафар дар ин сафар бе ҳамсафар монд.

***

Аз он ки ғуссаи бисёр дорам,
Вуҷуди ташнаи дидор дорам.
Чу нотакрор ҳастӣ, ҷони ширин,
Ба лаб номи туро такрор дорам.

***

Гуле будам, ки гулдонам шикаста,
Дили пурдарду армонам шикаста.
Намеояд зи дастам кори хубе,
Худоё, ҳар ду дастонам шикаста?

https://bikhon.tj/

Сафар

Гаҳе аз лолаи саҳро навиштам,
Гаҳе аз соҳилу дарё навиштам.
Ду-се ҳарфе, ки аз дил омад, ин ҷо
Барои хотири дилҳо навиштам.

***

Набудам интизори ту, маро бахш,
Дилу ҷонам нисори ту, маро бахш.
Давидам, омадам, аз роҳи қисмат
Расидам бар канори ту, маро бахш.

***

Дар ин раҳ ҳамқадам дорам, на ҳамдил,
Ва садҳо ҳамқалам дорам, на ҳамдил.
Набошад кас, дигар танҳотар аз ман,
Ҳазорон ҳамалам дорам, на ҳамдил.

***

Ғамат бар хонаи шаб мекашонам,
Ба рӯз афсонаи шаб мекашонам.
Надорам фурсати як оҳ то субҳ,
Чу бори шонаи шаб мекашонам.

https://bikhon.tj/

Садоят гӯш кардан, зиндагӣ буд,
Лабонат нӯш кардан, зиндагӣ буд.
Туро оғӯш кардан орзу не,
Туро оғӯш кардан зиндагӣ буд.



https://bikhon.tj/



Зи баҳри ишқи беҳосил гузаштам,
Чӣ осон аз раҳи мушкил гузаштам.
Бирафтам аз дили ғам то дили ту,
Аз ин манзил ба он манзил гузаштам.

***

Шабе аз кӯчаи ёдам гузаштӣ,
Чу ишқат сӯхт бунёдам, гузаштӣ.
Раҳо гаштам чу аз ғамҳои дунё,
Ту аз баҳри дили шодам гузаштӣ.

***

Хазон гарди хазонашро намонад,
Алам дар дил нишонашро намонад.
Сари худро бимон бар шонаи ман,
Ки ғам бори гаронашро намонад.

***

Ба мактаб рафтаам якҷоя, аммо...
Канори духтари ҳамсоя, аммо...
Ба ғам лабхандаҳояшро харидам,
Намудам ишқи ӯ сармоя, аммо...



https://bikhon.tj/

Магӯ дигар, фаромӯшат намоям,
Чу шамъи тира хомӯшат намоям.
Намехоҳӣ, маро оғӯш кардан,
Иҷозат деҳ, ки оғӯшат намоям!

***

Бувад чашми ту аз дарё нишона,
Ҳамон лабхандат аз фардо нишона.
Дилам дар зиндагонӣ бенишон нест,
Маро ишқи ту дар дунё нишона.

***

Чӣ гӯям, моҳ аз шабҳои ман рафт,
Ва нур аз рӯи кавкабҳои ман рафт.
Туро лабхандаҳоят фанд будаст,
Ки бо ту ханда аз лабҳои ман рафт.

***

Ба дидорат агар ҷое биёяд,
Зи қаъри дил суханҳое биёяд.
Агар имрӯз дарди ишқ ин аст,
Намехоҳам, ки фардое биёяд.

https://bikhon.tj/

Дилам меларзад аз бими ҷудоӣ,
Пур аз дардам ман аз ними ҷудоӣ.
Ба як соле баробар соати ӯ,
Чӣ тӯлонист тақвими ҷудоӣ.

***

Зи ғамдорон маро ҳамто намонда,
Чу ман як ошиқи шайдо намонда.
Дигар аз дарду ғамҳои ту пур шуд,
Ба шодӣ дар дили ман ҷо намонда.

***

Биё, ҳоло ҷавониям нарафта,
Биё, рози ниҳониям нагуфта.
Биё, бе ту ба боғи орзуҳо,
Зи сад гул як гуле ҳам ношукуфта.

***

Дигар парвои дидорат надорам,
Дигар майле ба гулзорат надорам.
Раводиди вафо бекор кардӣ,
Бирав, ҳар ҷо равӣ, корат надорам.

https://bikhon.tj/

Ба рӯят дида дӯзам ё надӯзам,
Гузашта бо ғами ту шому рӯзам.
Бигӯ, охир миёни оташи ишқ
Чӣ гуна аз аламҳоят насӯзам?



https://bikhon.tj/



Ту хокистар будӣ, гулхан надидӣ.
Чу хору хас будӣ, гулшан надидӣ.
Маро пиндошта мисли дигарҳо,
Ба чашми дил маро чун ман надидӣ.

***

Кабӯтар дар само пар мекушояд,
Ду чашм аз хоб дилбар мекушояд.
Ба як дасташ сатил, бо дасти дигар,
Ба рӯи субҳи нав дар мекушояд.

***

Ту беаҳду вафо бошӣ, набошам.
Ту дар роҳи хато бошӣ, набошам.
Ҳар он ҷое, ки бошӣ, бош бо худ,
Аз ин пас ҳар кучо бошӣ, набошам!

***

Маро диду даме дар ханда шуд гул,
Биёмад чун ба дастам, банда шуд гул.
Чунон даъвои зебоӣ ҳамекард,
Нишон додам туро, шарманда шуд гул.



https://bikhon.tj/

Хазон шуд киштаҳоям нодуруда,
Суруди ишқи покам носуруда.
Ту будӣ ҳадяи дирӯзи Наврӯз,
Туро Наврӯзи нав аз ман рабуда.

***

Намехоҳам ба чашми нам бимирам,
Ба танҳоӣ дар ин олам бимирам.
Бирав, ҳар ҷо равӣ бо худ азизам
Ғаматро бар, ки ман беғам бимирам.

***

Бароям чашми намро монда рафтӣ,
Дили пур аз аламро монда рафтӣ.
Намегӯям зи шодӣ як каломе,
Ки бар лаб муҳри ғамро монда рафтӣ.

***

Шабе аз кӯчаи тангат гузаштам,
Зи доми макру найрангат гузаштам.
Накардӣ ин дили нарми маро қадр,
Ман аз баҳри дили сангат гузаштам.

https://bikhon.tj/

Сафар

Намоӣ хандаи мастона як-як.
Биёӣ диданам ҷонона як-як.
Гаҳе бо ту ситезидам, наранҷӣ,
Азизам, мешавам девона як-як.

***

Маро бисёр дилхун карданат чист?
Ба худ шайдову Маҷнун карданат чист?
Агар ақли ту дар ҷояш, бифаҳмон,
Маро аз ақл берун карданат чист?

***

Ҳамеларзад саропои дили ман,
Наоӣ бар тасаллои дили ман.
Миёни оташи ғамҳои ишқат,
Дилам месӯзаду вои дили ман.

***

Туро боре лаби дарё надидам.
Канори ин дили шайдо надидам.
Ба дидори ту танҳо омадам, лек
Туро дар кӯчаҳо танҳо надидам.

https://bikhon.tj/

Ту аз он дарбадарҳо нестӣ, не.
Ту аз он бехабарҳо нестӣ, не.
Ба монанди ту бисёр аст духтар,
Ту монанди дигарҳо нестӣ, не.



https://bikhon.tj/

Гуле пур доман аз барфи баҳорӣ,
Сапед ин гулшан аз барфи баҳорӣ.
Зимистонро баҳор оғӯш кардаст,
Ҳаметарсам ман аз барфи баҳорӣ.

***

Ман аз банди хаёлам мегурезам,
Аз ин ғамҳои олам мегурезам.
Зи хешу дарду ғамҳои дили хеш
Худоё, то куҷо ҳам мегурезам?!

***

Таманно мекунам олам бимонад,
Дили шоди шумо беғам бимонад.
Арӯси неку домоди накӯбахт,
Илоҳо, то абад бо ҳам бимонад.

***

Дарахти пурсамар дорад, муҳаббат.
Ҷаҳоне шеъри тар дорад, муҳаббат.
Дилеро бо диле пайванд созад,
Ки аз дилҳо хабар дорад, муҳаббат.

https://bikhon.tj/

Чӣ зебоӣ, чӣ маҳбубӣ, парасту,
Маро ҳамсояи хубӣ парасту.
Хасу хошок меафтад, саҳаргаҳ
Ту оё хона мерӯбӣ, парасту?



Хушо, булбул дили огоҳ дорад,
Фақат сӯи гулистон роҳ дорад.
Ҷаҳонро карда мафтуни садояш
Бимирад, умри бас кӯтоҳ дорад.



https://bikhon.tj/



Гаҳе уммедро навмед кардем.
Гаҳе мотам ва гоҳе ид кардем.
Ману дил аҳду паймони вафоро
Ба сад соли дигар тамдид кардем.

***

Ба ин дунё чӣ озод омадам ман.
Ба як дунёи обод омадам ман.
Агар дунёст ҷои шодмонӣ,
Чаро бо нолаву дод омадам ман?!

***

Ҳаёти ман, ки аз афсона кам нест.
Чу ман дар ошиқӣ девона кам нест.
Агарчи ҷоҳилон бисёр дорад,
Ба дунё оқилу фарзона кам нест.

***

Ниҳони ман аёни дигарон аст,
Хамӯшиям баёни дигарон аст.
Сарам ин ҷо ба хоки кӯча яксон,
Дилам дар осмони дигарон аст.



https://bikhon.tj/

Ба гӯш ояд садои кӯдакиям,
Ба сар ояд ҳавои кӯдкиям.
Даме, ки алла мегӯяд Сафина,
Ба дасташ зочаҳои кӯдакиям.

***

Сафина, духтари дилбанд дорам,
Ба ҷонам Кимиё пайванд дорам.
Самар дидам зи боғи умри ширин,
Худоро шукр се фарзанд дорам.



https://bikhon.tj/

Сафар

Агар дар дил таманнои Ватан ҳаст,
Даруни сина маъвои Ватан ҳаст,
Агар ҳар зарра хокаш зар бидонем
Умеде баҳри фардои Ватан ҳаст.

***

Ба номи ӯ сухан бошад муқаддас,
Гулу боғу чаман бошад муқаддас.
Надорам майли рафтан аз канораш,
Маро хоки Ватан бошад муқаддас.

***

Забонам порсӣ гӯяд фалонӣ,
Бигӯяд тоҷикӣ он беҳмадонӣ.
Азизон, аз ҳамин ҷангу ҷадалҳо
Чаро беҳтар набошад ҳамзабонӣ?!

***

Чу будӣ нангу ори Тоҷикистон,*
Нарафтӣ аз канори Тоҷикистон.
Туӣ як қаҳрамонфарзанди тоҷик,
Ки ҷон кардӣ нисори Тоҷикистон.

* *Ба равоншод Нурулло Ҳувайдуллоев*

https://bikhon.tj/

Надорад маззае нони ғарибӣ.
Шакар талх аст дар хони ғарибӣ.
Барои ман хасу хори Ватан беҳ,
Аз ин гулҳои гулдони ғарибӣ.

***

Дилам озурдаи шоми ғарибӣ,
Бихоҳам рӯзи анҷоми ғарибӣ.
Равам сӯи Ватан, оғӯши модар,
Намегирам ба лаб номи ғарибӣ.

***

Фақат ёди Ватан дар сина дорӣ,
Ҳамин як бебаҳо ганҷина дорӣ.
Даруни синаат марди муҳоҷир,
Диле покиза чун оина дорӣ.

***

Ба роҳат модари ҷон интизор аст,
Туро як бахти хандон интизор аст.
Биё, эй марди раҳдури мусофир,
Тамоми Тоҷикистон интизор аст.

https://bikhon.tj/

Сарам доданду сомонам гирифтанд,
Амонам дода, имонам гирифтанд.
Хамӯшам, ман дигар ҳарфе надорам,
Сукутам дода, исёнам гирифтанд.

***

Замину осмон аз ҳам гурезон,
Бубин, осудадил аз ғам гурезон.
Чӣ дунёест, ин дунёи имрӯз,
Ки бинӣ одам аз одам гурезон.

***

Пур аст аз ғам агар шеърам, нахонед!
Шумо, ки аз гурӯҳи беғамонед.
Ман инҷо бо ғами худ шодмонам,
Надорам бок, агар қадрам надонед.



https://bikhon.tj/

Ниҳон дар сина бас фарёд моро,
Расида як дили ношод моро.
Чӣ ҷои шиква аз бегона бошад,
Ки ёрон бурдаанд аз ёд моро.



https://bikhon.tj/

Шумо дар хандаи ман ғам набинед!
Дигар дар дидаи ман нам набинед!
Агар бо чашми дил бинед, ҳастам,
Маро инҷо ба чашми кам набинед!

***

Агар хандам, маро беғам нагиред!
Ману сарводаро аз ҳам нагиред!
Агарчи хоксорӣ мекунам ман,
Шумо ҳарфи диламро кам нагиред!

***

Агар дил нест, аз дилбар напурсед!
Агар сар нест, аз ҳамсар напурсед!
Ҳама чуну чарои умри рафта,
Шумо имрӯз аз модар напурсед!

***

Зи дарди беҳисоби худ битарсам,
Аз ин ранҷу азоби худ битарсам.
Чунон, охир, гунаҳгорам, ки гоҳе
Ман аз кори савоби худ битарсам.

https://bikhon.tj/

Азизонам яке аз ҳам бирафтанд,
Чӣ гӯям, зуд аз ин олам бирафтанд.
Дар он дунё чӣ ҷои шодмонист?
Ҳама аз ин ҷаҳон пурғам бирафтанд.

***

Накӯмарди ба мардум ошно рафт,
Зи дасти халқ ганҷи бебаҳо рафт.
Суруди миллии мо бепадар монд,*
Дареғо, шоири миллат зи мо рафт.

***

Чаро бо синаи пурдард моем?
Чаро бо дидаи пургард моем?
Ҳама бар зиндагӣ дилгарм ояд,
Чаро аз зиндагӣ дилсард моем?

***

Дигар аз рафтани одам нагӯяд,
Дигар аз сӯзу аз мотам нагӯяд.
Худоё, шодмонӣ бахш, шоир,
Дигар аз дарду ранҷу ғам нагӯяд.

* *Дар сӯги устод Гулназар гуфта шуд.*

https://bikhon.tj/

Сафар

Ман инсонам, Худоро мепарастам.
Мусалмонам, Худоро мепарастам.
На бо ҳарфу на бо ақлу на бо дил,
Ки бо ҷонам Худоро мепарастам.

***

Ман он чашмам, ки пазмони ту ҳастам,
Ман он мушкил, ки осони ту ҳастам.
Худоё, дар ҷаҳон, ҳар он чӣ дорӣ,
Ҳама аз ман, ман аз они ту ҳастам.

***

Ман он ҳечам, ки инсонам ту кардӣ.
Манам он гил, ки гулдонам ту кардӣ.
Худоё, то туро бишнохтам, ман
Будам кофар, мусалмонам ту кардӣ.

***

Чаро аз ман ҷавонӣ мегурезад?
Намебинам, ниҳонӣ мегурезад.
Нишони умри кӯтоҳам, Худоё,
Ба сӯи бенишонӣ мегурезад.

https://bikhon.tj/

Барои ҷомае ҷомат фурӯшанд,
Ду-се нопухтаҳо хомат фурӯшанд.
Аз ин ёрони савдогар ҷудо шав,
Барои пайсае номат фурӯшанд.

***

Гирифторам, гирифтори бало не.
Харидорам, харидори ҷафо не.
Наям андар қатори бетарафҳо,
Тарафдорам, тарафдори шумо не.

***

Тамоми моли дунёро хариданд,
Ҳама гулҳои саҳроро хариданд.
Дар ин ҷо ташна мемиранд мардум,
Ки чанде оби дарёро хариданд.

***

Намегирам ба гӯшам панди ҳар кас,
Чу модар кас нагӯяд ҳарфи дилрас.
Насиҳатгар, бирав безорам аз ту,
Падар дорам, насиҳат мекунад, бас!

https://bikhon.tj/

Канори ту зимистонам баҳор аст,
Набошӣ, хонаи ман сарду тор аст.
Ба ҳастии ту менозам, падарҷон
Туро фарзанд будан ифтихор аст.

***

Канори ту дилам аз ғусса дур аст,
Ҳузурат ҳар куҷо бошад, сурур аст.
Ҳамехоҳам, ки монанди ту бошам,
Дигар ин ҷо кӣ мислат боғурур аст?!

***

Аз он ки дар вуҷуди хеш дорӣ,
Ғами Меҳан, ки як дарди бузург аст.
Падар, ҳар ҷо, ки номатро бигӯям,
Ҳамегӯянд як марди бузург аст.

https://bikhon.tj/

Набошад кас мисолат, модари ҷон,
Наям дур аз хаёлат, модари ҷон.
Чи хушбахтам, ба ин рӯзам расонда,
Маро шири ҳалолат, модари ҷон.



https://bikhon.tj/

Дигар бар зиндагӣ бовар надорад,
Ҳамон фарзанд, ки модар надорад.
Дили бемодарон монанд бошад,
Ба он манзил, ки бому дар надорад.

***

Нигоҳи нозанинаш гарм бошад.
Вуҷуди ӯ пур аз озарм бошад.
Ба сони ќалби пурэҳсони модар
Куҷо бошад, диле, ки нарм бошад.

***

Ҷаҳон ҷое, ки менозӣ, набошад,
Ҳаёти одамӣ бозӣ набошад.
Дар ин дунёву он дунё харобӣ,
Агар модар зи ту розӣ набошад.

***

Чӣ созам раҳ, агар раҳбар набошад?
Чӣ созам сар, агар сарвар набошад?
Набошад маъние дар матни дунё,
Агар дар зиндагӣ модар набошад.

https://bikhon.tj/

Туӣ поку заминӣ, модари ман,
Бароям нозанинӣ, модари ман.
Сазои саҷдаӣ аз баъди Аллоҳ,
Зи бас ҷонофаринӣ, модари ман.

***

Биборад нури Ҳақ аз рӯйи модар,
Машомам гул кунад аз бӯйи модар.
Чи хушбахтам, ҳамон гоҳе, ки монам
Сарамро дар сари зонуи модар.

***

Саропо чун баҳорӣ, модари ман,
Зане бо нангу орӣ, модари ман.
Ба сони чашмаҳои поки деҳа,
Дили покиза дорӣ, модари ман.

https://bikhon.tj/

Сафар

Гули ногаҳҳазон, ай хоҳари ман,*
Ҷавонрафта, ҷавон, ай хоҳари ман.
Шудӣ сер аз ғами дунёву рафтӣ,
Ба сӯи ҷовидон, ай хоҳари ман.

***

Бурун шуд аз дари ман, хоҳари ман,
Намеояд бари ман, хоҳари ман.
Дигар бар зиндагонӣ боварам нест,
Шикаста бовари ман, хоҳари ман.

***

Азизи бебаҳоям, хоҳари ман,
Сари хокат биёям, хоҳари ман.
Ту зери хокию ман хок бар сар,
Куҷоиву куҷоям, хоҳари ман?!

* *Дар сӯги хоҳари равоншодам Кимиё гуфта шуд.*

https://bikhon.tj/

Куҷо рафтӣ ҷавониро надида?
Нишоти зиндангониро надида.
Хазон шуд ғунчаи умрат, бародар
Баҳору гулфишониро надида.

***

Чӣ зуд аз ин ҷаҳон рафтӣ, бародар,
Зи дарди беамон рафтӣ, бародар.
Ниҳоли умри ту хушкид бебор,
Зи дунё бенишон рафтӣ, бародар.

***

Ҷавон рафтӣ ту аз олам, бародар,
Чӣ дидӣ дар ҷаҳон ҷуз ғам, бародар?
Чӣ суд аз гиряҳоям баъди маргат?
Чӣ суд аз дидаҳои нам, бародар?

***

Будӣ ҳамсоли ман, ҷони бародар,
Пари ман, боли ман, ҷони бародар.
Тану ҷонам бисӯзад аз фироқат,
Набинӣ ҳоли ман, ҷони бародар.

* *Ба Шаҳболи азиз мебахшам.*

https://bikhon.tj/

Сафар

Барои дастгирӣ дар чопи маҷмӯа
ба бародари арҷманд Рафтор Мирзоев
арзи сипос менамоям:

Накӯкорӣ, ки дар андешаи туст,
Накӯмардӣ, саховат пешаи туст.
Бимонӣ чун дарахти сабзу пурбор,
Ки дар хоки садоқат решаи туст.



https://bikhon.tj/

САФАР

НОМАЕ АЗ РОҲ

Муҳаррир: **Бузургмеҳри Баҳодур**
Мусаҳҳеҳон: **Насимбек Қурбонзода**
Абдумалики Абдуҷаббор
Рассом: **Ризо Баҳромзод**
Тарроҳ: **Эҳсон Аъзамиён**
Ҳуруфчин: **Нурӣ Муҳаммади Истам**

Ба матбаа 01.11.2021 супорида шуд. Ба чоп 03.11.2021 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/32. Қоғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 3,5. Адади нашр 500 Супориши 62. Нархи шартномавӣ

Дар матбааи ҶДММ «Ашуриён» ба табъ расидааст.

https://bikhon.tj/